УДК: 656.021.4 DOI: 10.65599/ENG2983

# МУКАММАЛГАРДОНИИ ҶАРАЁНИ ТАҲВИЛИ БОР ВА БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ БОРКАШОНӢ БО ИСТИФОДАИ ШАРТҲОИ ЛОГИСТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**[1]Х. Сафаров, [2]Н.Ш. Мирзоева**

[1]Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур

[2]Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Мукаммалгардонии ҷараёни таҳвили бор ва баландбардории самаранокии боркашонӣ бо истифодаи шартҳои логистикӣ яке аз омилҳои муҳими рушди соҳаи нақлиёт ва иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Дар таҳқиқот масъалаҳои оптимизатсия ва самаранокии равандҳои интиқоли борҳо, таҳияи моделҳои логистикӣ ва истифодаи шартҳои замонавӣ барои баландбардории самаранокии корхонаҳои нақлиётӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки ҷараёни таҳвил соддатар ва самаранoктар шуда, хароҷот коҳиш ёбад ва сатҳи хизматрасонӣ барои муштариён беҳтар гардад.

***Калидвожаҳо:*** *таҳвили бор, боркашонӣ, самаранокӣ, логистика, оптимизатсия, шартҳои логистикӣ.*

# УЛУЧШЕНИЕ ПРОЦЕССА ДОСТАВКИ ГРУЗОВ И ПОВЫШЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ГРУЗОВЫХ ПЕРЕВОЗОК С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ЛОГИСТИЧЕСКИХ УСЛОВИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Х. Сафаров, Н.Ш. Мирзоева**

Совершенствование процесса доставки грузов и повышение эффективности грузоперевозок с использованием логистических условий является одним из ключевых факторов развития транспортной отрасли и экономики Таджикистана. В исследовании рассматриваются вопросы оптимизации и эффективности процессов транспортировки грузов, разработка логистических моделей и применение современных условий для повышения эффективности работы транспортных предприятий. Результаты исследования позволяют сделать процесс доставки более простым и эффективным, снизить затраты и улучшить качество обслуживания клиентов.

***Ключевые слова:*** *доставка грузов, грузоперевозки, эффективность, логистика, оптимизация, логистические условия.*

# IMPROVING THE CARGO DELIVERY PROCESS AND INCREASING CARGO TRANSPORTATION EFFICIENCY USING LOGISTICS CONDITIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Kh. Safarov, N.Sh. Mirzoeva**

Improving the cargo delivery process and enhancing the efficiency of freight transportation using logistic conditions is one of the key factors in the development of the transport sector and the economy of the Republic of Tajikistan. The study addresses the issues of optimization and efficiency of cargo transportation processes, the development of logistic models, and the application of modern conditions to increase the performance of transport enterprises. The results of the research allow for a more streamlined and efficient delivery process, reduce costs, and improve service quality for customers.

***Keywords:*** *cargo delivery, freight transportation, efficiency, logistics, optimization, logistic conditions.*

## Муқаддима

Дар раванди ҷаҳонишавии системаҳои нақлиётӣ ва рақобатнокии иштирокчиёни бозори хизматрасонии нақлиётӣ талабот ба таъмини шаффофият, саривақтии таҳвили молҳо ва амалинамоии технологияҳои рақамӣ меафзояд. Ташаккул ва пешрафти комбинат ва сеххҳои истеҳсолӣ, тараққиёти техника ва технология ва зарурияти афзоянда ҷиҳати хизматрасонии сифатнок боиси зарурати навсозӣ ва роҳҳои рушди марҳилаҳои ҳаҷми интиқоли молу маҳсулот, татбиқи шартҳои идоракуни таъминот ва рақамикунонии системаи ҳамлу нақл мегардад. Дар ин ҳолат мебояд, ки ширкатҳо ва корхонаҳои нақлиётию логистикӣ хизматрасонӣ ва равандҳои интиқолро ҳамоҳанг намуда, мутобиқ ба стандартҳо ва меъёрҳои муайянгардида барои таъмини занҷири таъминот мувофиқ намоянд. Имрузҳо ташкили боркашониҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби релефи минтақа бештар тавассути нақлиёти автомобилӣ иҷро мегардад, ки ин ба зиёдшавии талабот ба ин намуди нақлиёт, ниёз ба роҳҳои хуб ва ҳамоҳангсозии ҷараёнҳои боркашонӣ, инчунин татбиқи шартҳои муосири логистикӣ ва рақамикунонӣ оварда мерасонад. Ҳамчунин омили дигаре ки зарурияти истифодаи шартҳои логистикӣ дар раванди боркашонӣ ба ҳисоб меравад, ин тақсими анбуҳи хурди борҳо ба нуқтаҳои сершумор мебошад, ки ин ба истифодаи намуди хоси нақлиёт вобаста аст. Дар ин ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ нисбати дигар намудҳои нақлиёт бештар ба назар мерасад. Ҳамчунин вобаста аз бартариятҳои нақлиёти автомобилӣ хизматрасонӣ ва дастрасии истеъмолкунандагон саривақтӣ амалӣ гардонида мешавад, ки ин бартарӣ ба дигар намудҳои нақлиёт хос нест [1]. Роҳҳо ҳамчун инфрасохтори нақлиётӣ бештар дар таъмини молу маҳсулот, пайваст намудани ҳудудҳои молистеҳсолӣ бо марказҳои истеъмолӣ,

кам намудани масрафи нақлиётӣ ва дастрасии саривақтии таҳвил нақши калидӣ бозида, ҳосилнокии умумии системаи боркашонӣ ва устувории пайдарҳамии таъминотро муайян менамоянд. Ҷиҳати мукаммалгардонии раванди боркашонӣ ва таъмини занҷири таҳвилот нақши шартҳои логистикӣ калидӣ буда, онҳо имкон медиҳанд, ки ҳаракати борҳо аз нуқтаи истеҳсол то истеъмол бо хароҷоти кам, дар мӯҳлатҳои муайян ва бо сатҳи баланди ҳамоҳангсозӣ миёни ҳамаи иштирокчиёни раванд амалӣ гардад.

Мақсади мавзуи дидашаванда ин мукаммалгардонии чараёни таҳвили бор ва беҳтарнамоии самаранокии боркашонӣ бо истифодаи шартҳои логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба сифати объекти мавзуи дидашаванда фаъолияти корхонаҳои боркашонӣ ва раванди интиқоли борҳо дар низоми логистикии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст.

Бо мақсади амалигардонии мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян гардида, ҳал мегарданд:




*Расми 1 – Вазифаҳои пешниҳодгардида ҷиҳати амамлинамоии мақсади мавзуи дидашаванда*

Тавре дар боло қайд намудем ҷиҳати мукаммалгардонии раванди боркашонӣ ва таъмини саривақтии занҷири таҳвилот нақши принсипҳои логистикӣ муҳим буда, татбиқи онҳо имкон медиҳад, ки ҳамоҳангсозии ҳамаи марҳилаҳои ҳаракати бор, коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ ва баланд бардоштани самаранокии умумии фаъолияти боркашонӣ таъмин карда шавад.

- муносибгардонии масири таҳвили борҳо дар занҷири таъминот;
- истифодаи технологияи терминалӣ ҷиҳати таъмини гашти борноки автомобилҳо;
- истифодаи таркиби ҳаракаткунандаи муосир ҷиҳати харҷи ками сузишворӣ ва баландбардории маҳсулнокии он;
- истифодаи қуша ва нимқуша дар раванди таҳвили борҳо;
- амалигардонии интиқоли мултимодалӣ бо ташкили марказҳои тақсимотию логистикӣ;
- ташкили интиқоли контейнерӣ ҷиҳати беҳтарнамоии гашти борнок ва самаранок намудани равандҳои боркашонӣ, коҳиш додани хароҷоти логистикӣ ва таъмини саривақтии таҳвили мол ба нуқтаҳои истеъмолӣ ва ғайраҳо.

Имрузҳо ҳолати кунунии инфрасохторҳои нақлиётӣ аз он ҷумла роҳҳо, роҳравҳои нақлиётӣ ва марказҳои хизматрасонии логистикӣ нишон медиҳанд, ки робитаҳои тиҷорати беруна ва таъмини истеъмолкунандагон бо молу маҳсулотҳои ватанӣ ва ашҳо ру инкишоф буда, тадбиқи равишҳои логистикӣ аҳамияти хос доранд. Тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои автомобилгардии аҳамияти байналмилалидошта гузашта, мамлакатро бо давлатҳои дуру наздик мепайвандад ва робитаҳои савдои беруна амалӣ мегардонад [2].




*Расми 2- Роҳҳои байналмилалии автомобилӣ (АН-66, АН-65, АН-7)*

***АН65*** **-** тавассути шаҳри Ваҳдат, Рашт ва Ҷиргатол Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Узбекистон ва Қирғизистон пайвсат менамояд;

***АН66*** **-** ин масир тавассути масири Душанбе – Кулоб – Хоруғ – Мурғоб – Қулма гузашта, Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Халқии Чин пайваст намуда, баромадан ба баҳрро таъмин менамояд.

***АН7*** **-** масири мазкур шаҳри Душанберо тавассути ноҳияҳои ҷануб (Бохтар, Панҷ) ба давлати ҳамсоя Афғонистон пайваст менамояд.

Ҳамчунин тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон долонҳои байналмилалии нақлиётӣ дар доираи CAREC фаъолияткунанда гузашта, онҳо на танҳо мамлакатро бо дигар давлатҳо пайваст мекунанда балки ҳаракати транзитии мамлакатро таъмин менамоянд, ки баландбардории иқтисодиёти мамлакат оварда мерасонанд.

Имрузҳо дар бозори хизматрасонии нақлиётии мамлакат намудҳои мухталифи нақлиёт фаъолияти пурсамар дошта, талаботи истеъмолкунандагони занҷири логистикиро бо маҳсулот таъмин менамоянд. Дар расми зер ҳаҷми хизматрасонии борҳо тавассути намудҳои мухталифи нақлиёт оварда шудаанд, ки ҳолати зерин доранд.




*Расми 3-Ҳамлу нақли борҳо тавассути намудҳои мухталифи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2023*

Тавре аз расм дида мешавад ҳаҷми бештари борҳо дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон тавассути нақлиёти автомобилӣ интиқол дода мешаванд. Зиёда аз 90% интиқол дар ҷумҳурӣ тавассути ин намуди нақлиёт ба назар мерасад. Ҳаҷми борҳо дар соли 2023 дар маҷмуъ 120576,1 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин шумора 114124,1 ҳазор сомонӣ ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд, ки 94,64%-ро ташкил медиҳад[3].

Бо мақсади боз ҳам рушднамоӣ ва такмили равандҳои муассисаҳои нақлиётию логистикӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ истифодаи таркиби ҳаракаткунанда дар равиши боркашонӣ назаррас буда, самаранокӣ, саривақтӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозорро таъмин менамояд. Ҳамчунин вобаста аз релефи мамлакат хизматрасонии ин намуди нақлиёт дар минтақаҳо ба назар мерасад. Аз он ҷумла ба минтақаҳои дурдаст монанди Суғду Хатлон ва Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон. Дар расми зерин ҳолати хизматрасонӣ, яъне ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.




*Расми 4-Ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Тавре аз расм дида мешавад ҳаҷми боркашонӣ бештар ба минтақаҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ба назар мерасад, ки ин аз якчанд омил вобаста аст. Аз он ҷумла: хусусияти хоси минтақа, намуд ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти минтақа, даромад ва талаботи аҳолӣ ва ғайраҳо.

## Хулоса

Мукаммалгардонии чараёни таҳвили бор ва баландбардории самаранокии боркашонӣ бо истифодаи шартҳои логистикӣ яке омилҳои асосии беҳтарнамоӣ ва рақобатпазирии муассисаҳои нақлиётӣ, таъмини саривақтии интиқоли молу маҳсулот ва рушди устувори занҷири таъминот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Амалигардонии онҳо на танҳо ба чараён ва рушди таҳвили интиқол, баландбардории самаранокии корхонаҳои нақлиётӣ ва кори таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёти автомобили боркаш, балки ба устувории иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ мерасонанд.

*Муқарриз: Ғуломзода Қ.Ҳ. — н.и.т., дотсент, муовини директори Муассисаи давлатии "Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ"*

## Адабиёт

1. Рауфи, А. Заминаҳои ташаккул ва мукаммалгардонии ҳамлу нақли борҳо дар асоси ҷойгирнамоии оқилонаи маркази логистикию нақлиётӣ дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон / А. Рауфи, Ф. Н. Низомзода // Паёми политехникӣ. Бахши: Интеллект, Инноватсия, инвеститсия. – 2025. – No. 1(69). – P. 76-81. – EDN GIMLHJ.
2. Низомзода, Ф. Н. Размещение транспортно-логистических центров в Республике Таджикистан и их роль в повышении эффективности работы транспорта / Ф. Н. Низомзода // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2024. – № 3(67). – С. 42-46. – EDN IUKHWP.
3. Низомзода, Ф. Н. Нақш ва аҳамияти логистикаи нақлиётӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат / Ф. Н. Низомзода // Паёми политехникӣ. Бахши: Таҳқиқоти муҳандисӣ. – 2024. – No. 1(65). – P. 155-157. – EDN TNHJZH.

4. Рахмангулов А.Н. Методологические основы организации фукционирования железнодорожных промышленных транспортно-технологических систем [Текст]: автореф. дисс. ... д-ра техн. наук: 05.22.01 / Рахмангулов Александр Нельевич. - Москва, 2012. - 374 с.

5. Наджмудинов Ф.Н. Прогнозирование грузопотоков по международным транспортным коридорам Республики Таджикистан/Наҷмудинов Ф.Н., Гафуров Ф.Дж., Самадов Т.У.//Вестник Технологического университета Таджикистана, серия экономические исследоания. – Душанбе: ТУТ, 2018, №2 (33) – С. 66-72. ISBN978-99947-0-022

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН - СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ - INFORMATION ABOUT AUTHORS


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Сафаров Хуҷавалӣ | Сафаров Худжавали | Safarov Khujavali |
| доктори илмҳои техникӣ, профессор | доктор тех.наук, профессор | Doctor of Technical Sciences, Professor |
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур | Таджикский аграрный Университет им.Ш.Шотемур | Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur |
| E-mail: khudzhavali1947@mail.ru | | |
| TJ | RU | EN |
| Мирзоева Нисобегим Шоназаршоевна | Мирзоева Нисобегим Шоназаршоевна | Mirzoeva Nisobegim Shonazarshoevna |
| н.и.и, дотсент | к.э.н., доцент | Candidate of Economic Sciences, Associate Professor |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими | Tajik technical university named after academician M.S. Osimi |